«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Насриддинзода Э.С.
_______________________
«_2_» ___07_______ 2024 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Нуралиева Дилафруз Камоловна унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Нуралиева Дилафруз Камоловна соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Нуралиева Дилафруз Камоловна соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 хатм кардааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиева Дилафруз Камоловна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 30 апрели соли 2020, протоколи № 11 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Нуралӣ Миралӣ таъин шудааст.

Нуралиева Д.К. имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5(аъло), протоколи №195-07 аз 07.05.2022, таърих ва фалсафаи илм 5(аъло), протоколи №563-08 аз 10.03.2021 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), протоколи №9 аз 01.04.2023 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар ҷаласаи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 28 июни соли 2024, суратмаҷлиси №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудӣ ва пешниҳодҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**1. Баҳои кори иҷрошуда.** Тақвияти муносибатҳои иқтисодӣ, ташаккули низоми бонкӣ ва тағйиротҳои назарраси иқтисодӣ – иҷтимоӣ ба раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бетаъсир намонд. Махсусан гузариш ба низоми дузинагии бонкдорӣ ба такмилёбии фаъолияти ташкилотҳои қарзии ватанӣ мусоидат намуд. Ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти худро бо равиши иқтисоди бозорӣ роҳандозӣ карда, доираи маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро васеъ намуданд. Ин омил сабаб гардид, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун механизми муҳими иқтисоди миллӣ ташаккул ёбад ва дар таҳкими муносибатҳои иқтисодӣ нақши калидӣ дошта бошад. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ номгӯи зиёди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳоро пешниҳоди муштариён менамояд ва ба ин васила талаботи субъектони хоҷагии халқро қонеъ месозад. Метавон қайд намуд, ки таи солҳои охир дар низоми молиявӣ – бонкии ҷаҳон тағйиротҳои зиёде мушоҳида мешаванд, ки раванди инкишофи босуботи бозори хизматрасониҳои бонкиро халалдор менамоянд.

**2. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллиф аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян намудан ва арзёбии роҳҳои такмилдиҳии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба шумор рафта, коркард, таҳлил ва тавсияву хулосаҳо доир ба омӯзиши таҳлилии онҳо иборат мебошад. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

**3. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомгардида ҳамаи он масъалаҳое, ки дар самти рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳоду арзёбиҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**4. Мақсади таҳқиқот.** Таҳқиқи мушкилоти марбут ба ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, инчунин асосноккунӣ ва коркарди пешниҳодҳои назариявӣ – амалӣ оид ба рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**5. Навигариҳои илмии таҳқиқот.** Навигариҳои илмии таҳқиқот дар баррасӣ ва таҳқиқи паҳлӯҳои назариявӣ – амалии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, асосноккунии ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ ва коркарди тавсияҳои илман асоснок, ҷиҳати

рушди бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос меёбад.

**Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз навгониҳои илмӣ иборатанд, инҳо ба шумор мераванд:**

– дар асоси омӯзиши амиқи консепсияҳо ва назарияҳои мавҷуда, моҳияти иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян гардида, хусусиятҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ, заминаҳои инкишоф, таъсири он ба иқтисоди миллӣ таҳқиқ карда шуда, сабабҳои пайдоиши муносибатҳои иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар кишварҳои олам ҳамчун тақвияти муносибатҳои иқтисодӣ, асоснок карда шудааст ва равиши муаллифӣ пешниҳод шудааст;

– зарурияти истифодаи инноватсия ва заминаҳои таҳкими он дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, раванди ташаккули инноватсия дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун унсури калидии таҳкими минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ шудааст ва нақши технологияи инноватсионӣ дар самаранокии фаъолияти бонкҳо баррасӣ гардида, ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ карда шудааст;

– ба воситаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва соҳавӣ (низоми бонкӣ) ҳолати муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва мавқеи ташкилотҳои қарзӣ дар бозор баҳогузорӣ гардида, амалиёт ва маҳсулотҳои бонкӣ таҳлил карда шудаанд ва бо истифода аз усули HHI (Herfindahl–Hirschman Index) сатҳи рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ миёни ташкилотҳои қарзӣ ошкор гардид ва мушаххас карда шуд, ки ҳиссаи зиёди дороиҳо ва сармояи низоми бонкӣ дар идораи 3 бонки тиҷоратӣ мебошад, ки ин аз нигоҳи баҳодиҳӣ тибқи усули HHI аз меъёр зиёд мебошад;

– муаммоҳои дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҷойдошта ошкор шуда, омилҳои ба раванди фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсирбахш илман асоснок гардидаанд, ки тибқи таҳқиқотҳо омилҳои сифати хизматрасониҳои бонкӣ, сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, инфрасохтори дастраскунии маҳсулотҳои бонкӣ, тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, мутобиқати хизматрасониҳо ба талаботи муштариён ва ғайраҳо ба ин ҷараён таъсири манфӣ расонида метавонанд, инчунин баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ тариқи густариши фаъолияти инноватсионӣ – рақамӣ, истифодаи технологияи муосири бонкӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ, PC-банкинг, интернет банкинг ва мобайл-банкинг баҳогузорӣ шудааст;

– механизми баландбардории сифати хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои бонкӣ дар заминаи тақвияти рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва талаботи муштариён коркард гардида, усулҳои болобарии сифати хизматрасониҳои бонкӣ, таҳкими эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ дар иқтисодиёт, ташкили низоми босамари баҳодиҳии сифати маҳсулотҳои бонкӣ ва норасоиҳои ҷойдошта ҳангоми идоракунии ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод гардидаанд;

– алгоритми таҳия ва татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ, ки дар шароити муосири иқтисодӣ коркард гардида, даврaҳои ташкил ва роҳандозии маҳсулоти нави бонкӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаст, илова ба ин ҷанбаҳои афзалиятноки рушди бозори

хизматрасониҳои бонкӣ дақиқ карда шуда, мавқеи давлат ҳамчун институти махсус зимни тараққиёбии бахши бонкӣ баррасӣ гардидааст ва дар асоси таҳқиқи барномаҳову стратегияҳои давлатии амалкунанда консепсияи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардидааст, ки тибқи он муаммоҳои ҷойдошта бояд бартараф карда шаванд ва рушди устувори низоми бонкӣ таъмин гардад.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии кори диссертатсиониро ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ ва дигар олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ ташкил медиҳанд, ки он дар амал асоснок карда шудааст. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои идоракунии бахши бонкӣ, аҳамияти рақамикунонии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва рушди бозори хизматрасонҳои бонкӣ фарогир мебошад. Тадқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқотҳои методологӣ-назариявии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд. Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои таҳқиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалӣ барои такмили фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ хизмат мекунад.

**7. Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ мебошад: б. 10.1. – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; б. 10.6. – Рақобати байнибонкӣ; б. 10.22. – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ; б. – 10.23. Проблемаҳои инкишофи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ.

**8. Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**9. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ироа гардидаанд. Нуктаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудааст.

Бештари мақолаҳои довталаб дар солҳои 2020-2024, дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

ғайраҳо рӯйи чоп омадаанд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти иноватсионӣ» (Душанбе, ДМТ, 10 феврали соли 2023); конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)» (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,11 декабри соли 2021); конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ» (Душанбе, 5-уми октябри соли 2023) баррасӣ гардидаанд.

**10. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақола (дар ҳаҷми 7,5. ҷ.ч.) ба нашр расидааст, ки аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**11. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.**

Мавзуи кори илмӣ дар доираи татбиқи стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ ва соҳавии дар ҶТ қабулшуда таҳия карда шудааст: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ва Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҷавобгӯ мебошад.

**12. Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" аз 22.06.2024, № 623/05 ва аз ҶСП "Спитамен Бонк" аз 05.04.2024, №111/3-2 мавҷуд мебошад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Нуралиева Д.К. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир [Матн]/Д.К.Нуралиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №1. –С.86-91. (ISSN 2413-5151).

[2-М]. Нуралиева Д.К. Оид ба масоили гурӯҳбандии хавфҳои бонкӣ ва таъсири онҳо ба раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ [Матн]/ Д.К.Нуралиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №4. –С.179-185. (ISSN 2413-5151).

[3-M]. Нуралиева Д.К. Сифати сандуқи қарзӣ ва таъсири он ба вазъи молиявӣ-иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] /Д.К.Нуралиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2022. №4. –С.72-79. ISSN 2413-5151
[4-M]. Нуралиева Д.К. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва сохтори он дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн] /Д.К.Нуралиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2022. №7. –С.116-123. (ISSN 2413-5151).

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[5-M] Нуралиева Д.К. Раванди ташаккулёбии технологияи бонкӣ ва таъсири он ба такмили хизматрасониҳои бонк [Матн] /Д.К.Нуралиева// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои такмили механизмаи молиявию қарзии руди иқтисодиёти миллӣ», (5-уми октябри соли 2021). – Душанбе, -С. 78-86. (ISBN 978-99985-41-86-3).
[6-M]. Нуралиева Д.К. Масоили баландбардории нақши қарзҳои бонкӣ дар иқтисодиёт [Матн] /Д.К.Нуралиева// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19», (11-уми декабри соли 2021). – Кӯлоб, -С. 60-64.
[7-M]. Нуралиева Д.К. Ҷараёни инкишофи хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн] /Д.К.Нуралиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир», (15-уми ноябри соли 2022). – Душанбе, - С. 67-74.
[8-M]. Нуралиева Д.К. Анализ воздействие банковского капитала на развитие экономики Таджикистана [Матн] /Д.К.Нуралиева // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», (22-юми октябри соли 2022). – Душанбе, - С. 67-74.
[9-M] Нуралиева Д.К. Активизация лизинговых операций в банковском секторе Республики Таджикистан / Д. К. Нуралиева // Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства: Сборник научных трудов / Под общей редакцией З.О. Адамановой. – Симферополь : Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2023. – С. 179-182.

Дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи кори бонкӣ иштирок доштанд: ҳамагӣ – 23 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 19 нафар. Аз ҷумла: д.и.и., профессор 6 нафар, н.и.и., дотсент 11 нафар, муаллими калон 2 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 19 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Дар асоси натиҷаи овоздиҳӣ,

**ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Мухтавои дар баромади довталаби илмӣ Нуралиева Дилафруз Камоловна оид ба таҳқиқот дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии

рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ироагардида, тақризҳои муқарризони холис - д.и.и., профессор Обидов Ф.С., н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф., н.и.и, дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ. ва хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз кори илмии анҷомдодашуда ва ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид шудааст, ҷавобгӯ ҳисобида шавад;

3. Диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад;

Қарор дар маҷлиси кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон протоколи №11 аз 28-уми июни соли 2024 қабул гардид.

**Раис:**
н.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи
кори бонкии ДМТ **Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**Котиб:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
кори бонкии ДМТ **Худойназаров Д.А.**

Дурустии имзоҳои Ғаюров Ғ.Ҳ. ва Худойназаров Д.А.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**